Вазорати рушди иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ПРЕСС – РЕЛИЗ

оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти вазорат дар соли 2025

Дар соли 2025 вазъи геосиёсии ҷаҳон, муноқишаҳои минтақавӣ ва низоъҳои ҳарбию тиҷоратӣ, тағйирёбии муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ, таҳримҳои иқтисодӣ байни кишварҳои абарқудрат ва ноустувории нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, инчунин пайомадҳои тағйирёбии иқлим идома ёфт.

Новобаста аз таъсири омилҳои берунаи қайдгардида дар натиҷаи амалигардонии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самтҳои таъмини суръати пешбинишудаи рушди иқтисодии кишвар, истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда, ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва фаъол гардонидани иқтидорҳои амалкунанда, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ ва истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар соли 2025 дар маҷмуъ устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 176,9 млрд. сомонӣ ва суръати рушди воқеии он 8,4 фоизро ташкил дод.

Суръати рушди иқтисоди миллӣ дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22,1 фоиз, кишоварзӣ 9,5 фоиз, гардиши савдо 13,9 фоиз, мусофиркашонӣ 10,9 фоиз, хизматрасонии пулакӣ 13,2 фоиз, боркашонӣ 15,2 фоиз, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ 23 фоиз таъмин гардид.

Сатҳи таваррум дар соли 2025-ум 3,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024-ум (3,6 фоиз) 0,1 банди фоизӣ кам аст. Таваррум дар ин давра асосан аз ҳисоби баландшавии нархи маҳсулоти озуқа 4,5 фоиз, молҳои ғайриозуқа 1,5 фоиз ва хизматрасонӣ 5,7 фоиз ташаккул ёфтааст.

Дар соли 2025 дар соҳаи саноат ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва таъмини талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, истифодаи пурраи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ, инчунин таъсиси ҷойҳои нави корӣ як қатор тадбирҳо амалӣ гардиданд.

Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 66,7 млрд. сомонӣ ва суръати рушди воқеии он 22,1 фоизро ташкил дод.

Рушди соҳаи саноати кишвар аз ҳисоби 36,2 фоиз афзудани саноати истихроҷ, 10,5 фоиз саноати коркард, 13 фоиз соҳаи таъминоти неруи барқ, газ,

буғ ва тозакунии ҳаво ва 22,8 фоиз зиёд шудани соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа таъмин гардидааст.

Истеҳсоли неруи барқ дар соли 2025-ум 23,9 млрд. кВт. соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024-ум 1562,2 млн. кВт. соат ё 7 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2025 ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, вусъати кишту кор ва истифодаи самараноки заминҳо дар соҳаи кишоварзӣ як силсила тадбирҳои дахлдор амалӣ гардиданд.

Дар натиҷаи корҳои анҷомдодашуда соли 2025 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 84,7 млрд. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2024-ум 9,5 фоиз афзоиш ёфтааст.

Маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 31-уми декабри соли 2025 аз 82 адад (55 лоиҳаи грантӣ, 5 лоиҳаи қарзӣ ва 22 лоиҳа дар ҳаммаблағгузории қарз ва грант) иборат мебошад, ки маблағи умумии онҳо 43,2 миллиард сомонӣ (4,7 миллиард доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад.

Дар таркиби маҷмӯи лоиҳаҳои амалкунанда маблағҳои грантӣ 28,8 миллиард сомонӣ (3,1 миллиард доллари ИМА) ё 66,7 фоиз, маблағҳои қарзӣ 13 миллиард сомонӣ (1,4 миллиард доллар) ё 30 фоиз, саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1,4 миллиард сомонӣ (151,2 миллион доллар) ё 3,2 фоиз ва дигар сарчашмаҳо, аз ҷумла саҳми корхонаҳои давлатии ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳо (бенефитсиарҳо) ва ғайра 53,7 миллион сомонӣ (5,8 миллион доллар) ё 0,1 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2025 дар доираи лоиҳаҳои амалкунанда 6,4 миллиард сомонӣ (697 миллион доллар) маблағҳо аз худ гардидаанд, ки дар маҷмуъ ба 101 фоизи нақшаи молиявии давраи ҳисоботӣ баробар аст.

Тибқи маълумоти оморӣ ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар соли 2025 ба 28736 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2024-ум 23 фоиз, аз ҷумла аз ҳисоби маблағгузории шахсӣ 31,6 фоиз ва давлатӣ 30,4 фоиз зиёд аст.

Аз ҳаҷми маблағгузории асосии дар ин давра азхудшуда 13280,5 миллион сомониро (46,2 фоиз) маблағҳои давлатӣ, 11306,3 миллион сомонӣ (39,3 фоиз) шахсӣ, 4099,4 миллион сомонӣ (14,3 фоиз) сармояи хориҷӣ ва 49,8 миллион сомониро (0,2 фоиз) сармояи муштарак ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти фаврии Бонки миллӣ дар соли 2025 ба ҷумҳурӣ 6925,3 млн. доллар сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 1798,6 млн. доллар ё 35,1 фоиз зиёд аст.

Аз ҳаҷми умумии сармояи хориҷии воридгардида 509,5 млн. долларро сармояи мустақим, 6414,3 млн. долларро дигар сармояҳо ва 1,5 млн. долларро сармояи ҷомадонӣ ташкил медиҳад.

Дар соли 2025 тавассути ҳама намуди нақлиёт 154,8 млн. тонна бор кашонида шуда, нисбат ба соли 2024-ум 15,2 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамзамон дар соли 2025 бо ҳама намуди нақлиёт 1131,2 млн. нафар мусофир кашонида шуда, нисбат ба соли 2024-ум 10,9 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар соли 2025 ҳаҷми умумии гардиши савдои яклухт ва чакана, таъмири автомобилҳо 77307,1 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024-ум 13,9 фоиз ё 11523,3 млн. сомонӣ зиёд шудааст. Аз ҳаҷми умумии гардиши савдо 85 фоиз ё 65705,6 млн. сомониро савдои чакана, таъмири автомобилҳо ва мотосиклҳо ташкил намудааст.

Ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ дар ҳамаи соҳаҳои хизматрасонӣ дар соли 2025-ум 30470,2 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2024-ум 13,2 фоиз афзоиш ёфтааст. Аз ҳаҷми умумии хизматрасониҳои пулакӣ 72,6 фоиз ё 22148,5 млн. сомонии он ба аҳолии кишвар расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2024-ум 10,9 фоиз зиёд мебошад.

Тибқи маълумоти оморӣ гардиши савдои хориҷӣ дар соли 2025 ба 10793,1 млн. доллар расонида шуд, ки нисбат ба соли 2024-ум 20,5 фоиз ё 1838,1 млн. доллар зиёд мебошад.

Дар ин давра содироти молу маҳсулот 2487,9 млн. долларро ташкил намуд, ки нишондиҳандаи баландтарин дар даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2024-ум 27,7 фоиз ё 540,5 млн. доллар зиёд шудааст.

Сохтори содиротро асосан маъдану консентратҳо (24,8 фоиз), металли сурма (20,1 фоиз), металлҳои қиматбаҳою нимқиматбаҳо (13,6 фоиз), алюминийи аввалия ва маҳсулот аз он (9,9 фоиз), нахи пахта (7,1 фоиз), қувваи барқ (5,7 фоиз), маҳсулоти кишоварзӣ (2,9 фоиз), мис ва маҳсулот аз он (2,4 фоиз), либосҳои гуногун ва бофташуда (1,8 фоиз), ангишт (0,9 фоиз), семент (0,6 фоиз) ва дигар маҳсулот ташкил намудааст.

Дар соли 2025 воридоти мол ба 8305,2 млн. доллар баробар гардида, нисбат ба соли 2024-ум 18,5 фоиз ё 1297,6 млн. доллар зиёд шудааст.

Дар сохтори воридот ҳиссаи маҳсулоти озуқаворӣ барои истеъмол 8,2 фоиз ва барои коркард 9,3 фоиз, воситаҳои нақлиёти заминӣ 13,1 фоиз, маҳсулоти нафтӣ 11,6 фоиз, таҷҳизоти технологӣ 8,6 фоиз, металлҳои сиёҳ 7 фоиз, мошинҳои барқӣ ва таҷҳизот 6,1 фоиз, чӯбу тахта ва маҳсулот аз он 4,8 фоиз, маҳсулоти полимерӣ 3,4 фоиз, гази моеъ 2,9 фоиз, маҳсулот аз металлҳои сиёҳ 2,7 фоиз, маҳсулоти кимиёи ғайриорганикӣ 1,9 фоиз, гилхок 1,2 фоиз, маҳсулоти фармасевтӣ 1,2 фоиз, нуриҳои минералӣ 0,5 фоиз ва ғайраҳо ташкил медиҳад.

Ҳаҷми содироти молу маҳсулоти ватанӣ аз 943,4 миллион доллари соли 2013 то ба 2,5 миллиард доллар дар соли 2025-ум ё 2,8 маротиба зиёд гардид.

Дар натиҷаи ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда талаботи бозори истеъмолӣ дар сатҳи

зарурӣ таъмин гардида, дар соли 2025-ум нишондиҳандаи содироти як қатор молу маҳсулоте, ки солҳои қаблӣ кам содирот мешуданд (сурма, мис ва маҳсулот аз он, ангишт, мошинҳои электрикӣ, қолин, нӯшокиҳои спиртдор ва беспирт, ҳайвони зинда, орд, тухмии равғанҳо ва маҳсулоти коркардшудаи меваю сабзавот) 1,8 баробар ё ба маблағи 269,7 млн. доллар нисбат ба соли 2024 афзоиш ёфта, 723,8 млн. долларро ташкил намуд.

Фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо

Фаъолияти Вазорати рушди иқтисод ва савдо (минбаъд - вазорат) дар соли 2025 ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» қайд гардидаанд, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2025, №71 «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ва вазифаҳо барои соли 2025», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2022, №116 «Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ» ва дигар қарору супоришҳои Ҳукумати кишвар вобаста ба татбиқи ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии қабулшуда, густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, таҳлили вазъи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, дарёфти роҳҳои муосири пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна ва таъмини тамоюли мусбати рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шуда буд.

Соли 2025 аз ҷониби вазорат 40 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус 4 ҳуҷҷати муҳими банақшагирии стратегӣ таҳия карда шуд.

Аз ҷумла лоиҳаи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, ки татбиқи он имкон медиҳад то соли 2030 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 1,8 маротиба афзоиш ёфта, ба 325 млрд. сомонӣ баробар гардад.

(Дар доираи татбиқи барномаи қаблӣ дар 5 соли сипаришуда (2021-2025) рушди иқтисодӣ бо ҳисоби миёна 8,5 фоиз таъмин гардида, дар соли 2025 маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 176,9 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2020 (83,9 млрд. сомонӣ) 93 млрд. сомонӣ зиёд аст.)

Инчунин лоиҳаи Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, ки бо амалисозии он ҳаҷми содироти маҳсулоти ватанӣ то соли 2030-юм 2 баробар зиёд мегардад (то 4,8 млрд. доллар).

(Татбиқи барномаи қаблӣ имкон дод, ки содироти молу маҳсулоти ватанӣ аз 1,4 млрд. доллари соли 2020 то ба 2,4 млрд. доллар дар соли 2025-ум ё 1,7 баробар зиёд гардад.)

Ҳамзамон лоиҳаи Нақшаи амали Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 дар марҳилаи дуюм (солҳои 2026-2028), ки дар доираи он татбиқи принсипҳои иқтисоди «сабз» дар давраи миёнамуҳлат ба инобат гирифта шудааст, қабул гардид.

Дар баробари ин лоиҳаи Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026-2030 бо фарогирии 864 лоиҳа ба маблағи 15,7 млрд. доллар бо мақсади

ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок таҳия ва қабул гардид.

Инчунин вазорат дар самтҳои таҳлил ва дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод, танзими савдои хориҷӣ ва дохилӣ, мониторинги барномаҳо ва тақвияти минтақаҳо, рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, рушди иқтисоди рақамӣ, фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҳифзи моликияти зеҳнӣ тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намуд.

Дар соли 2025 вазорат якҷо бо вазорату идораҳо 6 ҷаласаи Комиссияҳои байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кувейт, Узбекистон, Арманистон, Ҷопон, Федератсияи Россия ва Қатарро ташкил ва баргузор намуд, ки дар рафти ҷаласаҳои мазкур масъалаҳои фаъолгардонӣ ва вусъат додани ҳамкориҳо дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ, саноат, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва дигар самтҳо баррасӣ шуда, аз натиҷаи он протоколҳо ба имзо расонида шуданд.

Бо мақсади тақвияти ҳамкориҳои судманд бо шарикони рушд ва ҷалби сармоягузориҳо ба иқтисодиёти миллӣ зиёда аз 65 вохӯриҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо намояндагони кишварҳои хориҷа ва ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ баргузор карда шуданд.

Вобаста ба ин аз ҷониби вазорат 8 санади нави ҳамкорӣ (Ёддошти тафоҳум ва Созишномаҳои ҳамкорӣ) бо давлатҳои хориҷӣ ва шарикони рушд ба имзо расида, ҷиҳати татбиқи онҳо корбарӣ идома дорад.

Соли 2025 дар шаҳри Осакаи Ҷопон дар Намоишгоҳи байналмилалии «ЭКСПО 2025» дастоварду имкониятҳои Тоҷикистон, аз ҷумла ташаббусҳои глобалии муҳтарам Пешвои муаззами миллат оид ба захираҳои обӣ, энергияи сабз, сармоягузорию сайёҳӣ ва маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаи кишвар ба намояндагони 161 давлатҳои ҷаҳон ва 9 созмони байналмилалӣ дар сатҳи баланд муаррифӣ гардид.

Барои тақвият додани низоми дурнамосозӣ ва моделсозии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз ҷониби вазорат корҳои зарурӣ идома ёфта, бо назардошти ба инобат гирифтани манбаъҳои иловагии рушд дар асоси модели муосири макроиқтисодии эконометрикӣ дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ аз рӯйи сенарияи шиддатнок таҳия гардид, ки барои таъмини устувории иқтисоди миллӣ мусоидат намуд.

Вобаста ба ин лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2028» дар асоси модели муосири макроиқтисодии эконометрикӣ омода карда шуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2025, №377 тасдиқ гардид.

Дар самти таъмини рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ аз ҷониби вазорат лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 ва вазифаҳо барои соли 2025» омода гардид, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2025, №71 тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ вазорат дар соли 2025-ум Нақшаи Ситоди байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ ва пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллиро таҳия ва дар доираи он 4 ҷаласа баргузор кард, ки аз натиҷаи онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардид ва тибқи супоришҳои Ҳукумати кишвар ба вазорату идораҳо ҷиҳати андешидани чораҳои зарурӣ пешниҳод шуд.

Дар доираи фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соли 2025 раванди татбиқи 26 ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии соҳавӣ баррасӣ гардида, вобаста ба онҳо гузоришҳои муфассал ба Ҳукумати ҷумҳурӣ манзур карда шуданд.

Дар маҷмуъ соли 2025 аз ҷониби вазорат 377 адад таҳлилҳо вобаста ба рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар, дарёфти сарчашмаҳои иловагии таъмини рушди иқтисоди миллӣ ва манбаъҳои нави даромади буҷети давлатӣ омода ва ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод шуданд.

Вобаста ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби фаъолияти намояндагони мақомоти давлатӣ дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ тибқи принсипи «Равзанаи ягона», лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба низомномаҳои МОИ вобаста ба беҳтар гардонидани самаранокии фаъолияти минтақаҳо ва амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ таҳия гардида, дар баррасии Ҳукумати кишвар қарор доранд.

Инчунин дар ин давра онлайн каталоги маҳсулоти истеҳсолшаванда дар МОИ (catalog.fez.tj) таҳия гардида, «Сафари матбуотӣ» ба МОИ ташкил карда шуд ва барои муаррифии имкониятҳои МОИ дар форумҳои сармоягузории милливу байналмилалӣ видео-навор ва буклетҳо дар таҳрири нав омода карда шуданд.

Бо мақсади сари вақт омода намудани соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ барои фаъолияти мунтазам ва самарабахш дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2025-2026 вазорат лоиҳаи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия ва ба Ҳукумати ҷумҳурӣ пешниҳод намуд, ки он аз 28 марти соли 2025, №218 тасдиқ гардид.

Дар ин давра вазорат лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи

банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ»-ро дар асоси пешниҳод ва хулосаи вазорату идораҳо такмил дод, ки он аз 14 майи соли 2025, №2175 тасдиқ гардид.

Инчунин бо назардошти эълон гардидани ҳадафи чоруми миллӣ, Ҳадафҳои рушди устувор ва тамоюлҳои иқтисоди глобалию миллӣ дар ҳашт соли охир лоиҳаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2025, №663 қабул гардид ва дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.

Санаи 19 феврали соли 2025 аз ҷониби вазорат ҷаласаи Шӯро оид ба тавсеаи табақаи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он аз ҷониби аъзои шӯро «Методологияи муайян намудани табақаи миёнаи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ гардид.

Дар ин давра ҳисобот оид ба рафти иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи давлатии рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва ҷараёни иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар СУС мунтазам ба Ҳукумати кишвар пешниҳод гардиданд.

Бо назардошти муайяннамоии эҳтиёҷоти соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба кадрҳои зарурӣ вазорат нақшаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2026-2027-ро таҳия намуд, ки бо супориши дахлдори Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ ва ба мақомоти дахлдор барои корбарӣ ирсол гардид.

Ҳамзамон ҷиҳати омода кардани кадрҳои баландихтисоси дорои дониши замонавӣ лоиҳаи «Номгӯйи ихтисосҳои барои соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти ҷумҳурӣ зарурӣ барои соли таҳсили 2026-2027, ки аз ҳисоби Стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дурахшандагон» ба давлатҳои хориҷӣ пешниҳод карда мешаванд» таҳия ва бо супориши Ҳукумати кишвар ба мақомоти масъул барои корбарӣ пешниҳод карда шуд.

Дар асоси дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба рушди навоварию ихтироъкорӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагони молу хизматрсониҳои ватанӣ озмунҳои ҷумҳуриявии «Ихтироъкорон ва навоварони Тоҷикистон барои солҳои 2024-2025» ва «Бренди сол – 2025» таҳти унвони «Қуллаи Шараф» баргузор карда шуд.

Дар самти корҳои илмию таҳқиқотии иқтисодӣ дар соли 2025 татбиқи мавзуъҳои мубрами таҳқиқотӣ идома дода шуда, бо «Пажӯҳишгоҳи илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати иқтисоди Ҷумҳурии Белорус», Донишгоҳи давлатии Москва ба номи И.В. Ломоносови Федератсияи Россия, донишгоҳҳои

Полша ва Қазоқистон созишномаҳо барои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуда, конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи «Роҳнамои стратегии рушди иқтисоди миллӣ: навовариҳо, савдо ва рақамикунонӣ» баргузор карда шуд.

Дар соли 2025 ба вазорат 16275 адад мактуб, аз ҷумла 4745 адад аз Ҳукумати ҷумҳурӣ, 9683 адад аз вазорату идораҳо, 600 адад лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, 243 адад аз муассисаҳои зертобеъ, 345 адад аз кишварҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва 458 адад тариқи факс аз мақомоти давлатӣ ворид гардиданд.

Бо назардошти талаботи мактубҳои воридшуда аз ҷониби вазорат 5483 адад мактуби ҷавобӣ ва таклифу пешниҳодҳо ба Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва дигар ташкилоту муассисаҳо ирсол карда шуд.

Ҷиҳати таъмини иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 69 фармоиши вазорат оид ба фаъолияти асосӣ, аз ҷумла 8 фармоиши назоратӣ таҳия гардид, ки рафти иҷрои онҳо таҳти назорати доимии роҳбарият қарор дорад.

Бо мақсади муаррифии дастовардҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ва дастрас гардидани ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ба ҷомеа дар сомонаи вазорат навсозии маълумот мунтазам амалӣ гардида, дар соли 2025 ба он ҳамаи хабарҳо вобаста ба вохӯриҳо ва сафарҳои дохилию хориҷии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин 175 мулоқоти роҳбарияти вазорат бо намояндагони созмонҳои байналмилалии иқтисодию молиявӣ, сафирони кишварҳои хориҷӣ ва дигар чорабиниҳои вазорат ҷойгир карда шуданд.

Дар ин давра ба 55 муроҷиати намояндагони воситаҳои ахбори оммаи дохилию хориҷӣ вобаста ба гирифтани маълумот доир ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ аз ҷониби мутасаддиён дар муҳлатҳои муайяншуда ҷавоб гардонида шудааст.

Вазорат ҷиҳати иҷрои дастури супоришҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ дар доираи вазифаҳои низомномавии худ минбаъд низ тадбирҳои зарурӣ андешида, натиҷаашро тибқи тартиби муқарраргардида дар сомонаи вазорат ва расонаҳои чопию интернетӣ ба нашр мерасонад.

Рақам барои тамос: 221-62-08;
https://egov.tj/site/rushdiiktisod?lang=tg; info@medt.tj.